# Тақризи

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Алишери Амирхон дар мавзуи “Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2016)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Яке аз хусусиятҳои хоси истиқлолияти давлатии тоҷикон дар он аст, ки рӯй овардан ба таърихи гузаштаи миллати худ, эҳё ва омӯзиши ҳаёти фарҳангии минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ ҳарчӣ бештар вусъат ёфта истодааст. Аз ин рӯ, ин раванд аз як тараф, барои рушди фарҳанги миллати тоҷик аҳаммияти бузурги илмиро доро бошад, аз сӯи дигар, барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи таърихи Тоҷикистони муосир, омӯзиши вилоят ва шаҳру ноҳияҳои алоҳидаи он хеле муҳиму сариваќтӣ буда, аҳаммияти бузурги таърихӣ-кишваршиносӣ дорад.

Диссертатсияи Алишери Амирхон дар мавзуи “Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиклолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2016)” яке аз чунин тадқиқоти илмии даврони истиқлолият ба шумор рафта, аҳаммияти калони илмиро доро аст. Барои дарки илмии равандҳо ва падидаҳои мусбию манфии ҳаёти фарҳангӣ дар шароити соҳибистиқлолӣ, омӯзиши фаъолияти фарҳангии вилоятҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ аз масоили ниҳоят муҳим ва рӯзмарра мебошад.

Муаллифи рисола аз сарчашмаҳои боэътимоди илмӣ, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии маҳфуз дар бойгониҳои шаҳру навоҳии вилояти Хатлон васеъ истифода намуда, диссертатсияи худро дар сатҳи зарурӣ ва мутобиқ ба меъёрҳои навишти диссертатсияҳо омода намудааст.

Ғайр аз ин, пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқоти диссертатсиониро санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва стратегиву барномаҳои давлатӣ, матбуоти даврӣ, сарчашмаҳои интернетӣ ташкил медиҳанд. Пойгоҳи васеи сарчашмаҳо ба муаллиф имкон додааст, ки масалаҳои дар наздаш гузоштаро ҳаматарафа ва возеҳ ба риштаи таҳлил кашад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва номгӯйи адабиёту феҳристи ихтисораҳо иборат мебошад.

Мубрамият ва интихоби мавзуъ, дараҷаи коркарди он, мақсад ва вазифаҳо, объект, доираи ҷуғрофӣ ва чаҳорчӯбаи хронологӣ, методологияи таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муқаддима ба дараҷаи кофӣ муайян ва асоснок карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия **«Таҳаввулот дар низоми таълиму тарбия"** аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал **«Дигаргуниҳо дар соҳаи маорифи вилояти Хатлон»** муаллиф менигорад, ки фарҳанг ҳамеша ва пайваста дар мадди назари роҳбарияти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Мо инро аз суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бараъло ва ба таври возеҳу равшан мушоҳида мекунем. Ӯ дар суханрониҳояш фарҳангу маорифро муҳимтарин рукни ҳастии миллату давлат тавсиф карда, зимни таҳлилу таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни он, барои рушди минбаъдаи соҳаи фарҳанг дастуру ҳидоятҳои муҳим медиҳад. Аммо дар соҳаи таҳсилоти умумии вилояти Хатлон то ба ҳол мушкилоте вуҷуд доранд, ки ҳалли фаврии онҳо ногузир аст.

Ба андешаи муаллиф, зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи касбӣ ва олӣ дар соҳаи маориф мавқеи муҳим дорад. Ин аст, ки дар тӯли солҳои истиклол аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ таҳия ва тасдиқ шуданд. Кормандони соҳаи маорифи вилояти Хатлон фаъолияти худро бар асоси ҳамин қарор ва қонунҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондаанд.

Дар тӯли солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аксар шаҳру ноҳияҳои вилоят макотиби типи нав ба фаъолият оғоз карданд. Чунончи, соли 2015–2016 дар вилояти Хатлон 25 гимназия ва 21 литсей фаъолият менамуд. Аммо он нуктаро бояд таъкид намуд, ки то ҳол

муассисаҳои таҳсилоти типи нав дар пешрафти соҳаи маорифи вилояти Хатлон ҳанӯз ҷойгоҳи муносиб надоранд.

Аммо дар радифи ин дастовардҳо дар ин соҳа норасоиҳои зиёде ҷой доранд. Пеш аз ҳама, теъдоди муассисаҳои таълимии томактабӣ нисбат ба афзоиши кӯдакон хеле кам аст. Дар бархе аз ноҳияҳо муассисаҳои таълимӣ дар биноҳои ҷамъиятӣ фаъолият менамоянд. Теъдоде аз муассисаҳои таълимӣ ба сохтмони биноҳои иловагӣ ва таъмири асосӣ ниёз доранд. Кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ҳанӯз кифоя нестанд. Дар баъзе муассисаҳои таълимии вилоят муаллимони фанҳои ихтисосӣ намерасанд, овардааст дар рисола диссертант.

Дар зербоби дувуми боби аввал «**Вазъи таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи касбӣ ва олӣ»** унвонҷӯ менависанд, ки пас аз фурӯпошии ИҶШС муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи касбӣ ва олии вилояти Хатлон ба мушкилоти назаррас дучор шуданд. Барои бартараф кардани мушкилоти соҳа ва баланд бардоштани савияи дониши донишомӯзону донишҷӯён аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ таҳия шуданд. Ин иқдом барои беҳтар шудани низоми таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи касбӣ ва олии вилояти Хатлон таъсири мусбӣ расонд. Чунончи, дар ноҳияи Қубодиён Омӯзишгоҳи омӯзгорӣ таъсис дода шуд, Техникуми энергетикии Қӯрғонтеппа (Бохтар), омӯзишгоҳҳои омӯзгории шаҳрҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа ба коллеҷ табдил ёфтанд. Дар муассисаҳои омӯзишии соҳаи тиб, фарҳангу кишоварзии ин зинаи таҳсилот низ тағйироти куллӣ ба амал омад. Омӯзишгоҳҳои тиббии шаҳрҳои Кӯлоб, Қӯрғонтеппа ба коллеҷи тиббӣ, совхоз-техникуми ба номи В. В. Куйбишеви ноҳияи Коммунистӣ ба коллеҷи махсусгардонидашудаи ноҳияи Бохтар табдили ном карданд. Ҳамзамон, муассисаҳои ғайридавлатӣ ,аз қабили коллеҷҳои тиббӣ дар шаҳри Кӯлоб ва ноҳияи Ҳамадонӣ, техникию иқтисодӣ дар шаҳри Кӯлоб ба фаъолият оғоз

намуданд. Ҳамчунин, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ ба литсейҳои касбӣ-техникӣ табдил дода шуданд.

Дар соҳаи омӯзиши олӣ низ тағйироти куллӣ ба амал омад. Ба донишкадаҳои омӯзгории шаҳрҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа (Бохтар) мақоми донишгоҳ дода шуд ва донишгоҳу донишкадаҳои нав таъсис ёфтанд. Дар давраи соҳибистиқлолии кишвар шумораи макотиби олии вилояти Хатлон аз 2 адади соли 1991 ба шаш адад расид.

Аммо новобаста ба ин дастовардҳо дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии вилояти Хатлон, қайд менамояд унвонҷӯ,ки камбудию норасоиҳо ҷой доранд, ва муҳимтаринашон чунинанд: камшумор будани устодони дорои дараҷаи илмӣ ва унвондор; таълиф ва таҳия нашудани китобҳои дарсии тахассусӣ дар бархе аз донишгоҳ ва донишкадаҳои вилоят; ба талаботи давру замон ҷавобгӯ набудани дониши теъдоде аз устодон; татбиқ нашудани қарордодҳои дуҷонибаи муассисаҳои таҳсилоти олии вилояти Хатлон бо муассисаҳои гуногуни илмию таълимии кишварҳои хориҷӣ; дар сатҳи паст баргузор шудани ҳамоишҳои гуногуни илмӣ; муҳтавои пасти мақолаҳои илмии бархе устодон ва ғайра.

Боби дувуми диссертатсия **«Вазъи адабиёт ва санъат»** аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал **«Нақши адабиёт ва васоити ахбори омма дар пешрафти ҳаёти маънавии мардуми вилоят»** унвонҷӯ менависанд, ки аҳли адаби Хатлонзаминро шуъбаҳои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар шаҳрҳои Кӯлоб ва Бохтар ва маҳфилҳои адабӣ муттаҳид менамоянд. Дар шаҳру навоҳии вилоят маҳфилҳои зиёди адабӣ фаъолият менамоянд.

Бо дастгирии шуъбаҳои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва маҳфилҳои адабӣ китобҳои дастаҷамъӣ ва маҷмӯаҳои назмию насрии адибони алоҳида ба дасти чоп расиданд, адибони арзанда ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон тавсия шуданд.

Дар чанд соли охир маҷмӯаҳои дастаҷамъии адибони вилояти Хатлон бо номҳои «Аз Хуталон омадия», «Шукуфаҳои Хатлон», «Армуғони фархориён» ва даҳҳо китобҳои алоҳидаи онҳо табъу нашр гардид.

Ҳоло дар вилояти Хатлон адибони маъруфи тоҷик Ҳақназар Ғоиб, Алимуҳаммад Муродӣ, Озар, Зариф Ибод, Назар Халил ва дигарон ба эҷоди осори бадеӣ машғуланд, ки осори онҳо дар тарбияи эстетикӣ, ватандӯстӣ, хештаншиносии мардум нақши муассир доранд.

Унвонҷӯй дар ин зербоб ҳамчунин ба таҳлили фаъолияти васоити ахбори омма, аз қабили маҷалла, рӯзнома, шабакаҳои телевизонӣ, радиой, ожонсиҳои иттилоотӣ ва ғайра пардохта, менависад, ки онҳо дар пешрафти ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон ҷойгоҳи муайян доранд. Соли 2010 дар вилоят ду маҷалла, 21 рӯзнома, ожонсии иттилоотӣ, 4 шабакаи телевизионӣ, 4 матбаа, 2 шабакаи радио фаъолият менамуд. Теъдоди бинандагони телевизонҳои «Қӯрғонтеппа» ҳудуди як млн нафар, «Хатлон» 400 ҳазор нафар, «Мавҷи озод» 300 ҳазор нафар, «Кулоб» 80 ҳазор нафар, шумораи шунавандагони радиоҳои «Мавҷи озод» 100 ҳазор нафар, «Хатлон» низ ба 100 ҳазор мерасид. Соли 2016 дар ҳудуди вилоят 5 маҷалла ва 31 рӯзнома табъу нашр мешуд, ки аксар ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо мутааллиқ буданд.

Дар зербоби дуюм **«Рушди ҳунари театрию мусиқӣ»** муаллиф менависад, ки бар асари нооромиҳои солҳои 90-уми асри 20 театрҳои вилоят то соли 2004 чун муассисаҳои мавсимӣ танҳо чорабиниҳои расмӣ ва ҷашну фестивал баргузор карда, тақрибан кори муназзами касбӣ надоштанд. Онҳо ба такмилу ташаккули сиёсати репертуарӣ кам аҳамият медоданд. Асарҳои саҳнавие, ки ҳаёти имрӯзаи миллати тоҷикро бояду шояд таҷассум кунад, қариб таҳия нашуданд. Дар ин бобат роҳбарияти театрҳо бо драматургон ҳамкории ҷиддӣ надоштанд. Бар асари ин авомил театрҳо тамошобинони доими худро аз даст дода буданд.

Дар солҳои баъдӣ фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлон хеле густариш пайдо намуд. Онҳо ба таҳияи асарҳои драматургони тоҷик рӯ оварда, дар пешрафти ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ таъсири ҷиддӣ гузоштанд. Ҳайати кормандони театрҳои касбии вилояти Хатлон бо асарҳои тозаэҷоди худ натанҳо ба шаҳру навоҳии вилоят, балки ба дигар манотиқи ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар сафар намуда, дар фестивалҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ барандаи чандин ҷоиза шуданд.

Дар пешрафти соҳаи мусиқии вилоят ду филармония, 11 ансамбли рақсу суруд ва 312 муассисоти клубӣ саҳми арзанда гузоштанд.

Дар зербоби сеюми боби дуюми диссертатсия **«Таҳаввулот дар низоми фаъолияти муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ»** омаддаст, ки дар тӯли даҳсолаи аввали соҳибистиқлолии кишвар фаъолияти китобхонаҳои вилояти Хатлон ба талаботи рӯз ҷавобгӯ набуд. Соли 2003 «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти китобдорӣ» ва соли 2005 «Барномаи рушди китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул шуданд, ки низом ва фаъолияти китобхонаҳои вилояти Хатлон дар асоси муқаррароти ин ҳуҷҷатҳо роҳандозӣ гардид. Сол то сол фаъолияти китобхонаҳо рӯ ба беҳбудӣ овард. Теъдоди китобхонаҳо афзуд ва сатҳи хидматрасонӣ ба аҳолӣ беҳтару хубтар гардид. Китобхонаҳо ба маркази баргузории намоиши доимии китоб, конфронсҳои хонандагон, шабнишиниҳои адабӣ-бадеӣ ва мулоқот бо аҳли илму адаб табдил ёфтанд. Тӯли ин солҳо дар шаҳру деҳоти гуногуни вилоят аз ҳисоби маблағгузориҳои гуногуни давлатию ғайридавлатӣ чандин биноӣ китобхона бунёд ва таъмиру тармим шуданд.

Соли 2016 дар 502 китобхонаи вилояти Хатлон 834 нафар корманд, аз ҷумла, 221 корманди техникӣ фаъолият дошт, ки аз ин 70 нафар таҳсилоти олии умумӣ, 52 нафар таҳсилоти олии тахассусӣ, 522 нафар таҳсилоти миёнаи махсус ва 190 нафар ё 22,8% таҳсилоти миёнаи умумӣ доштанд. Мушкилоти соҳаи китобдорӣ, бахусус дар китобхонаҳои деҳоти вилояти Хатлон камбуди адабиёти тозанашр, таҷҳизоти маъмулӣ аз қабили мизу

курсӣ, ҷевон, рафҳои китоб, воситаҳои техникӣ, пайваст набудани муассисаҳо бо шабакаи интернетӣ, биноҳои кӯҳнаи китобхона, маоши пасти кормандони ин соҳа ва ғайра мебошад.

Осорхонаҳои вилояти Хатлон фаъолияти худро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ», Барномаи давлатии рушди фарҳанг дар солҳои 2008–2015 ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ роҳандозӣ менамоянд.

Новобаста аз нооромихои солҳои 90-уми асри 20 дар вилояти Хатлон, бахсус дар водии Вахш аксар кормандони осорхонаҳо вазифаи касбиашонро содиқона анҷом доданд. Ҳамчунин, дар ин давра осорхонаҳои нав таъсис ёфтанд.

Соли 2016 дар вилояти Хатлон 19 осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ фаъолият менамуд, ки дар фонди умумии онҳо 31987 нигора маҳфуз буд. Гуфтан ба маврид аст, ки навобаста аз пешрафту дастовардҳои кормандони осорхонаҳои вилояти Хатлон дар тӯли солҳои соҳибистиқлолии кишвар ҳанӯз ҳам дар ин соҳа камбуду норасоиҳо ба чашм мерасанд. Барои рафъи онҳо мо дар поёни ҳамин зербоби диссертатсия тавсияи мушаххас пешниҳод гардидааст.

Фаъолияти пурсамари боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ дар радифи осоиши рӯҳӣ, дар тарбияи эстетикию зебопарастӣ ва унс гирифтани инсонҳо, бахусус насли ҷавону кӯдакон аз зебогиҳои табиат нақши бузург мебозад. Ҳамзамон, чунин боғҳо маркази асосии баргузории чорабиниҳои гуногун фарҳангӣ мебошанд. Аз ин лиҳоз, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он ба таъмиру тармим, бозсозӣ ва таъсиси боғҳои нави фарҳангӣ-фароғатӣ диққати ҷиддӣ медиҳанд. Бояд гуфт, ки аз оғози фаъолияти боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ дар аксар ноҳияҳои вилоят ба солҳои мавриди назари мо, яъне ба солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд. Дар соли 2016 дар вилояти Хатлон 22 боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ

фаъолият доштанд, ки дар онҳо 260 барномаи фарҳанӣ-фароғатӣ ва намоиши ҳунарҳои мардумӣ доир гардид.

Диссертант, ҳангоми навиштани рисолаи диссертатсионӣ, тавонистааст дониши амиқ ва ҳаматарафаро аз рӯйи мавзуи интихобкардааш зоҳир намояд, худро ҳамчун муҳаққиқи ташаккулёфта нишон диҳад, мустақилона корҳои илмӣ-таҳқиқотиро пеш барад, эҷодкорона бо сарчашмаҳо корбарӣ намояд. Вай дорои тафаккури таҳлилӣ буда, истеъдоди аз назари танқидӣ дарк кардани равандҳои таърихиро дорад.

Рисолаи диссертатсионии Алишери Амирхон таҳкикоти илмии анҷомёфта ҳисобида шуда, норасоии илмиро дар таърихнигории Тоҷикистон пур менамояд ва он на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки амалӣ низ дорад.

Маводи диссертатсияро барои навиштани асарҳои ҷудогона оид ба таърихи халқи тоҷик, таърихи шаҳру ноҳияҳо, хондани курсҳои махсус оид ба фаннҳои таърихи муосири Тоҷикистон ва фарҳангшиносӣ, таҳияи барномаҳои алоҳидаи фарҳангии марбут ба вилояти Хатлон истифода бурдан мумкин аст.

Дар баробари ин, мехостам оид ба баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо, ки дар рафти баррасӣ ва таҳлили рисолаи диссертатсионӣ муайян шудаанд, ибрози андеша кунам:

1) Иқтибосҳои дар баъзе аз саҳифаҳои диссертатсия оварда шуда дар повараҳо нишон дода нашудаанд.
2) Хуб мешуд, ки дар бораи мавқеи мусиқии фалак дар миёни мардуми вилояти Хатлон ва фаъолияти дастаҳои фалаксароёни ин вилоят маълумоти бештар дода мешуд.
3) Хулоса ва ҷамъбасти зербоби якум ва дуюми боби якум нокифоя ба назар мерасад.

4) Дар матни диссертатсия хатогиҳои техникӣ, имлогӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

Аммо, ин эроду норасоиҳо ва камбудиҳо хусусияти принсипиалӣ надошта, аҳаммият ва моҳияти илмии таҳқиқотро паст наменамояд.

Автореферат мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Хулоса, диссертатсияи Алишери Амирхон дар мавзуи **"Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2016)"** ба талаботи бандҳои 31-33 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳоитаърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

**Мукарризи расмӣ, доктори илмхои таърих,**
**профессори кафедраи таърихи халқи**
**тоҷики Донишгоҳи давлати Кӯлоб**
**ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Абдуллоев М.Х.**

**Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб,**
**к. С. Сафаров 16.,**
**Тел: 8 (3322) 2-35-06, 2-35-09**
**E-mail info@kgu.tj**

Имзои Абдуллоев М.Х. – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро тасдиқ менамоям.

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб**
**ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Амиров Ф.**

"08" 11 2022 с.